Латвия

# ОН ЧИ КИ ШУМО БОЯД ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ ИДОРАКУНИИ ПАНОҲАНДАГӢ ВА МУҲОҶИРАТ ДОНЕД

Намуди А

## ДАРХОСТКУНАНДАГОНИ ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




TAJIK

# МУНДАРИҶА


Чаро шумо ин брошюраро гирифтед? 3

Ҳимояи байналмилалӣ чист ва кӣ ҳуқуқи гирифтани онро дорад? 3

Танзими идоракунии паноҳандагӣ ва муҳоҷират чист? 4

Кӯчонидан яъне чӣ? 5

Ҳуқуқҳои шумо ҳангоми интизории қарор дар бораи он ки кадом кишвари EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад 6

Дар куҷо шумо бояд бимонед, то даме ки қарор дар бораи он ки кадом кишвари EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад, қабул шавад? 8

Дар давоми ин раванд аз шумо чӣ интизор меравад? 8

Шумо бояд кадом ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кунед? 9

Чаро шумо вазифадоред, ки изи ангуштони худро супоред ва барои аксбардорӣ иҷозат диҳед? 10

Агар шумо уҳдадориҳои худро иҷро накунед, чӣ оқибатҳо хоҳанд дошт? 11

Боздошт чӣ маъно дорад? 12

Мақомот чӣ гуна қарор медиҳанд, ки кадом кишвари EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад? 13

Барои муайян кардани он ки кадом кишвари EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад, метавонанд бо шумо мусоҳиба гузаронанд 16

Оё мусоҳибаҳо ҳамеша гузаронида мешаванд? 18

Шумо кадом далелҳоро пешниҳод карда метавонед, то исбот кунед, ки дар кишвари дигари EU+ аъзои оила доред? 19

Ин раванд чӣ қадар вақт мегирад? 20

Чӣ бояд кард, агар шумо аллакай дар кишвари дигари EU+ барои ҳимояи байналмилалӣ дархост супорида бошед. 21

Пас аз қабули қарор чӣ мешавад? 22

Он чи ки шумо бояд дар бораи тартиби шикоят (ҳам бо таъсири боздоранда ва ҳам шикоят аз рӯи моҳият) донед 24

Кадом маълумоти шахсӣ ҷамъоварӣ карда мешавад? 25

Ҳуқуқҳои шумо дар робита ба маълумоти шахсии шумо кадомҳоянд? 25

## ЧАРО ШУМО ИН БРОШЮРАРО ГИРИФТЕД?

Шумо барои гирифтани ҳимояи байналмилалӣ (ки онро паноҳандагӣ низ меноманд) дар яке аз 31 кишвари EU+ дархост супоридаед. Ин маънои онро дорад, ки шумо ҳоло дархосткунандаи ҳимояи байналмилалӣ мебошед. Мумкин аст, ки кишвари дигари EU+ барои баррасии дархости шумо масъул бошад. Шумо ҳоло интизори ин қарор ҳастед.

Фаҳмидани он ки кишварҳои EU+ чӣ гуна бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд, муҳим аст, зеро ин метавонад ба он ки кадом кишвар дархости шуморо баррасӣ мекунад, таъсир расонад.

Шумо ҳамаи маълумоти заруриро дар ин брошюра пайдо хоҳед кард.

## ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ЧИСТ?
## ВА КӢ ҲУҚУҚИ ГИРИФТАНИ ОНРО ДОРАД?



Шумо мумкин аст ба ҳимояи байналмилалӣ ниёз дошта бошед, агар бинобар тарси таъқиб ё дучор шудан бо хатари воқеии зарари ҷиддӣ натавонед ба кишвари худ баргардед. Ин, барои мисол, ба ин маъност, ки ба ҳаёт ё озодии шумо хатар таҳдид мекунад ва мақомоти кишваратон шуморо аз хатаре, ки бо он рӯбарӯ ҳастед, ҳимоя намекунанд.

Шумо метавонед маълумоти бештарро дар бораи ҳимояи байналмилаллӣ дар брошюраи алоҳида пайдо кунед.

**Шумо айни замон дар Латвия ҳастед, ки яке аз кишварҳои EU+ мебошад. Кишварҳои EU+ инҳоянд:**

27 кишвари узви Иттиҳоди Аврупо (EU): Австрия, Белгия, Булғористон, Ҷумҳурии Чех, Дания, Фаронса, Юнон, Хорватия, Эстония, Италия, Ирландия, Латвия, Литва, Люксембург, Кипр, Малта, Нидерландия, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Словакия, Словения, Финландия, Испания, Маҷористон, Олмон, Шветсия ва

4 кишвари дигар: Исландия, Лихтенштейн, Норвегия ва Швейтсария.

## ТАНЗИМИ ИДОРАКУНИИ ПАНОҲАНДАГӢ ВА МУҲОҶИРАТ ЧИСТ?




Кишварҳои EU+ оид ба қонуни умумӣ, ки бо номи Қоидаи идоракунии паноҳандагӣ ва муҳоҷират (AMMR) маъруф аст, ба мувофиқа расидаанд. Ин қонун барои муайян кардани он ки кадом кишвар барои баррасии дархости ҳимояи байналмилалӣ масъул аст, кӯмак мекунад. Ин қонунгузорӣ инчунин ба кишварҳои EU+ имкон медиҳад, ки дар сурати аз ҷониби як кишвар дар як вақт қабул шудани шумораи аз ҳад зиёди дархостҳо, ба якдигар кӯмак расонанд.

Ба шумо кафолат дода мешавад, ки яке аз кишварҳои EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад, аммо шумо наметавонед интихоб кунед, ки кадом кишвари EU+ хоҳад буд. Кишваре, ки дархости шуморо баррасӣ мекунад, мувофиқи қоидаҳои AMMR муайян карда мешавад.

Агар дар ин брошюра чизе барои шумо нофаҳмо бошад, шумо метавонед аз корманди хадамоти муҳоҷират пурсед.



Дар айни замон, кишварҳои EU+ танҳо қарор дода истодаанд, ки кадоме аз онҳо барои баррасии дархости шумо масъул аст.

Агар қарор қабул шавад, ки кишвари дигари EU+ барои баррасии дархости шумо масъул аст, шумо ба он кишвар интиқол дода мешавед.

## КӮЧОНИДАН ЯЪНЕ ЧӢ?



Яке аз роҳҳои ба якдигар кӯмак кардани кишварҳои аврупоӣ ин ба дӯш гирифтани масъулият барои шахсони зерин мебошад:

- дархосткунандагоне, ки ҳоло дар кишвари дигари аврупоӣ қарор доранд;
- шахсоне, ки ба наздикӣ дар кишвари дигари аврупоӣ ҳимояи байналмилалӣ гирифтаанд.

Ин кӯчонидан номида мешавад.

Агар кӯчонидани шумо баррасӣ шавад, шумо брошюраи «**Он чӣ ки шумо бояд дар бораи кӯчонидан донед**»-ро бо маълумоти муфассалтар дар бораи ин раванд, аз ҷумла дар бораи он ки **кадом кишварҳои аврупоӣ дар кӯчонидан иштирок мекунанд,** дастрас хоҳед кард.

**МУҲИМ!** Агар шумо барои кӯчонидан интихоб шавед, шумо наметавонед кишвареро, ки ба он ҷо кӯчонида мешавед, интихоб кунед.

## ҲУҚУҚҲОИ ШУМО ҲАНГОМИ ИНТИЗОРИИ ҚАРОР ДАР БОРАИ ОН КИ КАДОМ КИШВАРИ EU+ ДАРХОСТИ ШУМОРО БАРРАСӢ МЕКУНАД



Агар шумо бори аввал барои гирифтани ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод карда бошед, шумо ҳуқуқ доред, ки аз **машварати ҳуқуқии** ройгон истифода баред. Шумо метавонед инро дар дилхоҳ вақт аз мақомот талаб кунед.

Мушовири ҳуқуқӣ шуморо аз ҳуқуқҳоятон огоҳ мекунад ва дар давоми ин раванд шуморо дастгирӣ менамояд. Агар шумо аллакай мушовири ҳуқуқии худро кироя карда бошед, мақомот метавонанд ба шумо машварати ҳуқуқии ройгон пешниҳод накунанд. Машварати ҳуқуқӣ метавонад ба таври гурӯҳӣ сурат гирад, аммо мушовир маълумоти шахсии шуморо ба дигарон ошкор нахоҳад кард.

Шумо метавонед барои гирифтани машварати ҳуқуқӣ ба мақомоти масъул барои таъмини машварати ҳуқуқӣ муроҷиат кунед.

Шумо инчунин метавонед дар бораи гирифтани машварати ҳуқуқӣ аз Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират маълумот талаб кунед.



Шумо метавонед тарҷумон ва корманди масъули мард ё занро талаб кунед, агар ин барои баррасии вазъияти шумо осонтар бошад. Мақомот то ҳадди имкон хоҳиши шуморо ба назар мегиранд.



Шумо инчунин ҳуқуқ доред, ки маълумоти навро дар бораи тартиби муайян кардани он ки кадом кишвари EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад, талаб кунед. Агар шумо хоҳед, ки маълумоти навро талаб кунед, шумо метавонед ба ин мақомот муроҷиат кунед, то даме ки ба шумо дар бораи қарори дар парвандаи шумо қабулшуда хабар дода шавад.




Шумо ҳуқуқ доред, ки дар дилхоҳ марҳилаи тартиби паноҳандагӣ бо Комиссари олии СММ оид ба паноҳандагон (UNHCR) тамос гиред ва муошират кунед.

UNHCR манфиатҳо ва ҳуқуқҳои паноҳҷӯён ва гурезаҳоро ҳимоя мекунад.

Маълумоти тамос бо UNHCR ва тафсилот дар бораи чараёни паноҳандагӣ дар вебсайти UNHCR дар суроғаи https://help.unhcr.org/ дастрас аст.

**Маълумоти бештар дар бораи дастгирӣ ва хизматрасониҳое, ки шумо хоҳед гирифт, дар брошюраи алоҳида дастрас аст.**

## ДАР КУҶО ШУМО БОЯД БИМОНЕД, ТО ДАМЕ КИ ҚАРОР ДАР БОРАИ ОН КИ КАДОМ КИШВАРИ EU+ ДАРХОСТИ ШУМОРО БАРРАСӢ МЕКУНАД, ҚАБУЛ ШАВАД?



- Шумо вазифадоред, ки айни ҳол дар ин кишвар бимонед.
- Шумо танҳо дар ҳолате метавонед ба кишвари дигари EU+ сафар кунед, ки агар мақомот ба шумо барои ин иҷозат дода бошанд.
- Агар мақомот қарор кунанд, ки кишвари дигари EU+ дархости шуморо баррасӣ мекунад, онҳо интиқоли шуморо ба он кишвар ташкил хоҳанд кард.

## ДАР ДАВОМИ ИН РАВАНД АЗ ШУМО ЧӢ ИНТИЗОР МЕРАВАД?

Шумо ӯҳдадориҳои зеринро доред.

- Дар ҳоле, ки дархости шумо ба қайд гирифта мешавад, шумо бояд дар ин кишвар бимонед.
- Агар ба шумо қаблан раводид ё иҷозати иқомат дода шуда бошад, дархости паноҳандагии худро пас аз омадан ба кишваре, ки онро ба шумо додааст, супоред.
- Шумо бояд тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсиятро, ки барои исботи шахсияти шумо заруранд, пешниҳод кунед.
  Агар шумо ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дошта будед, вале ҳоло онро надоред, шумо бояд ба ҳар ҳол ба мақомот хабар диҳед, ки ҳукумати шумо қаблан онро ба шумо дода буд.
- Шумо бояд ҳар дафъае, ки ба кишвари дигари EU+ сафар кардаед, ба мақомот хабар диҳед.
- Агар шумо дар кишвари EU+ бидуни иҷозат монда бошед, шумо бояд ба мақомот хабар диҳед.
- Шумо бояд ба мақомот дар бораи ҳама гуна хешовандони худ, ки дар кишвари дигари EU+ зиндагӣ мекунанд, хабар диҳед.

**МУҲИМ!** Мувофиқи қонун, аз шумо талаб карда мешавад, ки барои гирифтани изи ангуштон ва аксбардорӣ иҷозат диҳед.

## ШУМО БОЯД КАДОМ ҲУҶҶАТҲОРО ПЕШНИҲОД КУНЕД?

Ҳама ҳуҷҷатҳои дар ихтиёрдоштаатонро ба мақомот пешниҳод кунед, ки ба масъалаҳои зерин дахл доранд:




- шахсиятатон (шаҳодатномаи таваллуд, шиносномаи хориҷӣ, шиносномаи миллӣ);



- аъзоёни наздики оила дар кишварҳои EU+ (ҳуҷҷатҳои расмӣ, исботи он ки шумо бо онҳо тамос доред);




- иқоматҳои қаблӣ дар кишварҳои EU+ (дар асоси иҷозати иқомат, раводид ё барои гирифтани дипломи мактаб ё донишгоҳ).

Ин маълумотро ҳарчи зудтар пешниҳод кунед. Ин кӯмак мекунад, ки кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо зудтар муайян карда шавад.

# ЧАРО ШУМО ВАЗИФАДОРЕД, КИ ИЗИ АНГУШТОНИ ХУДРО СУПОРЕД ВА БАРОИ АКСБАРДОРӢ ИҶОЗАТ ДИҲЕД?



Мақомоти ин кишвар изи ангуштони шуморо гирифта, шуморо акс мегиранд. Ин маълумот ҳамроҳ бо иттилоот дар бораи шахсияти шумо ва дигар тафсилоти марбута ба махзани умумии аврупоии маълумот, Eurodac, фиристода мешавад.

Ин махзани маълумотро 31 кишвари EU+ истифода мебаранд, ки метавонанд маълумоти шуморо барои дастрас намудани иттилооти шумо коркард намоянд. Агар шумо бе иҷозат ба кишвари дигари EU+ гузаред ва аз шумо дубора изи ангушт гирифта шавад, тамоми маълумоти дар Eurodac захирашудаи шумо барои мақомоти он кишвар намоён мегардад.



Маълумоти бештар дар бораи махзани маълумоти Eurodac дар брошюраи алоҳида дастрас аст.

# АГАР ШУМО УҲДАДОРИҲОИ ХУДРО ИҶРО НАКУНЕД, ЧӢ ОҚИБАТҲО ХОҲАНД ДОШТ?



Агар шумо бо мақомот ҳамкорӣ накунед, ин ба дархости шумо таъсири манфӣ хоҳад расонд.

Агар шумо аз супоридани изи ангуштон саркашӣ кунед, мақомот метавонанд ба хулосае оянд, ки шумо дигар хоҳиши гирифтани паноҳандагӣ дар Аврупоро надоред. Онҳо баррасии дархости шуморо қатъ мекунанд, ки ин маънои онро дорад, ки шумо дигар ҳуқуқи дар ин кишвар монданро нахоҳед дошт.

Агар шумо бидуни иҷозат ба кишвари дигари EU+ сафар кунед ё дар кишвари дигари EU+ барои гирифтани ҳимояти байналмилалӣ дархост пешниҳод кунед, шумо ба эҳтимоли зиёд ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархостатон баргардонида мешавед.

Агар шумо дар кишвари дигари EU+ бошед, на дар он кишваре, ки бояд бошед, озодии шумо метавонад маҳдуд карда шавад ва шумо метавонед дастгирии камтар гиред.



# БОЗДОШТ ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

Боздошт ба ин маъност, ки шумо дар муассисаи махсусе ҷойгир карда мешавед, ки онро озодона тарк карда наметавонед. Мақомот бояд барои боздошти шумо сабаби асоснок дошта бошанд. Онҳо бояд мутмаин бошанд, ки дар парвандаи шумо ҳамаи вариантҳои дигар тамом шудаанд. Мақомот вазъияти шахсии шуморо пеш аз қабули қарор арзёбӣ мекунанд. Сабабҳои боздошт метавонанд, барои мисол, инҳоро дар бар гиранд:



- ҷанбаҳои муҳими дархости паноҳандагии шумо (ба монанди шахсияти шумо) бидуни боздошт наметавонанд тасдиқ карда шаванд;
- шумо ӯҳдадории будубош дар макони муайяншударо риоя накардед ва хавфи он мавҷуд аст, ки шумо бори дигар фирор мекунед ва мақомот наметавонанд бо шумо тамос гиранд;
- шумо дар бораи интиқоли худ ба кишвари EU+, ки барои баррасии дархости паноҳандагии шумо масъул аст, қарор гирифтаед ва хавфи он мавҷуд аст, ки шумо пеш аз интиқол фирор мекунед;
- шумо ба амният таҳдид мекунед.

Агар шумо боздошт шавед, шумо метавонед нисбат ба ин қарор шикоят баред ва кӯмаки ҳуқуқии ройгон ва намояндагӣ талаб кунед.

**МУҲИМ!** Агар шумо бидуни иҷозат ба кишвари дигари EU+ сафар кунед, ин хавфи дар оянда боздошт шудани шуморо зиёд мекунад.

## МАҚОМОТ ЧӢ ГУНА ҚАРОР МЕДИҲАНД, КИ КАДОМ КИШВАРИ EU+ ДАРХОСТИ ШУМОРО БАРРАСӢ МЕКУНАД?

Агар ин аввалин дархости шумо барои гирифтани ҳимояи байналмилалӣ дар кишвари EU+ бошад, чанд сабабе мавҷуд аст, ки чаро як кишвари мушаххаси EU+ метавонад барои баррасии дархости шумо масъул бошад.

### 1) Пайвандҳои оилавӣ



Сабаби аввалин ва муҳимтарин ин аст, ки ба яке аз аъзои наздики оилаи шумо аллакай ҳимояи байналмилалӣ дода шудааст ё ӯ ҳоло дар кишвари дигари EU+ барои гирифтани ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод карда истодааст ва шумо бояд пеш аз баррасӣ шудани дархостатон барои ҳимояи байналмилалӣ бо онҳо якҷо шавед.

Аъзои наздики оила инҳо ҳисобида мешаванд:

- шавҳар ё зани шумо
- шарики муҷарради шумо, ки бо ӯ муносибати устувор доред
- фарзанди шумо (то 18-сола ва муҷаррад).

**МУҲИМ!** Шумо бояд ҳарчи зудтар исбот карда тавонед, ки пеш аз омадан ба минтақаи EU+ бо ин шахс робита доштед. Ин давра сафар аз кишвари аслии шуморо низ дар бар мегирад.

Агар шумо аъзои оилае дошта бошед, ки дар кишвари дигари EU+ зиндагӣ мекунад, роҳи беҳтарини пешниҳоди ин маълумот пур кардани шакли бо номи «**Шакли ҷустуҷӯи аъзои оила**» мебошад. Агар шумо аъзои оилае дошта бошед, ки дар кишвари дигари EU+ зиндагӣ мекунад ва ин шаклро ҳанӯз нагирифтаед, бо масъули расмӣ ё мушовири ҳуқуқии худ тамос гиред. Онҳо инчунин метавонанд ба шумо дар пур кардани ин шакл кӯмак кунанд.

Шумо метавонед маълумоти бештарро дар бораи якҷояшавӣ бо аъзои оила дар фасли «**Шумо кадом далелҳоро пешниҳод карда метавонед, то исбот кунед, ки дар кишвари дигари EU+ аъзои оила доред?**» пайдо кунед.

## 2) Иҷозати вуруд ба кишвари мушаххаси EU+

Кишвари EU+ метавонад барои баррасии дархости шумо масъул бошад, агар:



- шумо дар он кишвари мушаххаси EU+ раводид ё иҷозати иқомат дошта бошед;
- шумо ба кишвари EU+ ворид шуда бошед, ки дар он ҷо ба шумо бидуни раводид вуруд иҷозат дода шуда буд, зеро кишвари аслии шумо бо он кишвар созишнома дорад.

## 3) Тахассуси таҳсилӣ ё диплом



- ба шумо пас аз ҳадди ақал як соли таҳсили пурраи академӣ дар муассисаи таълимии кишвари EU+ тахассус ё диплом дода шудааст.

## 4) Вуруди ғайриқонунӣ ба кишвари мушаххаси EU+

Кишвари дигари EU+ метавонад барои баррасии дархости шумо масъул бошад, агар:



- шумо сарҳади берунии яке аз кишварҳои EU+-ро бидуни иҷозат убур карда бошед;



- шумо ҳангоми сафар ба Аврупо дар баҳр аз ҷониби мақомоти кишвари EU+ наҷот дода шуда бошед;



- шумо дар минтақаи транзитии фурудгоҳи кишвари EU+ барои гирифтани ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод карда бошед.

## 5) Якҷояшавии оилавии шахси нигоҳубонкунанда ва аъзои вобастаи оила

Шумо аз нигоҳубини аъзои оилаатон дар кишвари дигари EU+ вобаста ҳастед, ё шумо дар кишвари EU+ аъзои оилае доред, ки аз нигоҳубини шумо вобаста аст.



Аъзои вобастаи оила метавонад бо сабабҳои зерин ба дастгирӣ ниёз дошта бошад:

- ҳомиладорӣ;
- кӯдаки навзод;
- бемории вазнини рӯҳӣ ё ҷисмонӣ;
- маъюбии шадид;
- ҷароҳати вазнини равонӣ (травма);
- синну сол.

Дар ҳолатҳои вобастагӣ, шумо бояд исбот карда тавонед, ки қобилияти нигоҳубини шахси вобастаро доред ё аъзои оилаи шумо қобилияти нигоҳубини шуморо дорад.

## 6) Сабабҳои башардӯстона

Шояд сабаби башардӯстонае мавҷуд бошад, ки чаро як кишвари мушаххаси EU+ метавонад дархости шуморо баррасӣ кунад. Инҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- мулоҳизаҳои оилавӣ;
- мулоҳизаҳои иҷтимоӣ;
- мулоҳизаҳои фарҳангӣ.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда, дархости шумо метавонад барои баррасӣ ба кишвари дигари EU+ фиристода шавад, аммо қарори ниҳоиро мақомоти ин кишвар қабул мекунанд.

# БАРОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОН КИ КАДОМ КИШВАРИ EU+ ДАРХОСТИ ШУМОРО БАРРАСӢ МЕКУНАД, МЕТАВОНАНД БО ШУМО МУСОҲИБА ГУЗАРОНАНД

Агар ин аввалин бор бошад, ки шумо барои паноҳандагӣ дархост додаед, мақомот бояд мусоҳибаи шахсӣ ташкил кунанд.

**МУҲИМ!** Ин мусоҳибаи паноҳандагӣ оид ба додани паноҳандагӣ нахоҳад буд. Мақсади ин мусоҳиба муайян кардани он аст, ки кадом кишвари EU+ бояд дархости шуморо баррасӣ кунад.

**Ин мусоҳиба чор ҳадафи асосӣ дорад:**

- ҷамъоварии маълумоте, ки ба мақомот дар қабули қарор дар бораи кадом кишвари EU+ масъул будан кӯмак мекунад;
- ба шумо додани имконият барои додани ҳар гуна саволҳо дар бораи чӣ гуна гузаронидани тартиби муайян кардани кишвари масъули EU+;
- ба шумо додани имконият барои додани саволҳо дар бораи маълумоти дар ин брошюра пешниҳодшуда;
- аз шумо гирифтани маълумот дар бораи он, ки оё ягон сабабе мавҷуд аст, ки чаро шумо набояд ба кишвари дигари EU+ интиқол дода шавед ё чаро ба шумо бояд иҷозати дар ин кишвар мондан дода шавад.

Мусоҳиба бо забоне гузаронида мешавад, ки шумо онро хуб мефаҳмед. Тарҷумони аз ҷониби давлат таъминшуда ба шумо дар муошират бо мақомот кӯмак мекунад.



Маълумоти пешниҳодкардаи шумо ба ҳукумат ё мақомоти кишвари аслии шумо дода нахоҳад шуд.

Агар дар рафти мусоҳиба чизе норавшан бошад, шумо метавонед саволҳо диҳед. Ҳам барои шумо ва ҳам барои масъули расмӣ муҳим аст, ки шумо ҳама чизро фаҳмед, бинобар ин озодона саволҳо диҳед.



Мусоҳиба сабт карда мешавад ва шумо метавонед хулосаи хаттии онро аз назар гузаронед.

Агар пас аз гирифтани хулосаи хаттии мусоҳибаи худ шумо ҳисоб кунед, ки маълумоти пешниҳодшуда нодуруст аст ва шумо мехоҳед онро ислоҳ кунед, шумо метавонед дар ин бора дархост пешниҳод кунед.

Шумо дар рафти мусоҳиба дар бораи тартиби пешниҳоди ин дархост огоҳ карда мешавед.

Агар лозим бошад, шумо метавонед пас аз мусоҳиба низ ҳуҷҷатҳои иловагӣ пешниҳод кунед ё сабаби ба кишвари дигари EU+ интиқол наёфтани худро шарҳ диҳед.

Агар шумо ҳоло ҳам маълумот ё ҳуҷҷатҳое дошта бошед, ки то ҳол пешниҳод накардаед, шумо бояд онҳоро ба мақомот пешниҳод кунед.

Шумо дар рафти мусоҳиба дар бораи тартиби пешниҳоди маълумот ё ҳуҷҷатҳои иловагӣ огоҳ карда мешавед.

## ОЁ МУСОҲИБАҲО ҲАМЕША ГУЗАРОНИДА МЕШАВАНД?

Агар ин аввалин бор бошад, ки шумо барои паноҳандагӣ дархост медиҳед, мақомот метавонанд мусоҳибаи шахсӣ нагузаронанд, агар:

- кишвари EU+, ки барои баррасии дархости шумо масъул аст, аллакай маълум бошад;
- онҳо аллакай маълумоти кофӣ дошта бошанд, то муайян кунанд, ки кадом кишвари EU+ барои баррасии дархости шумо масъул аст;
- шумо қаблан ба мусоҳиба ҳозир нашуда бошед ва ба мақомот сабаби ғоиб будани худро хабар надода бошед;
- шумо бо мақомот алоқаро нигоҳ надошта бошед.

Агар мусоҳиба таъин нашуда бошад, шумо метавонед онро дархост кунед. Агар масъулони расмӣ ҳисоб кунанд, ки онҳо аллакай маълумоти кофӣ барои баррасии парвандаи шумо доранд, онҳо метавонанд ин дархостро рад кунанд, аммо онҳо бояд сабаби нагузаронидани мусоҳибаро асоснок кунанд.

Барои дархост кардани мусоҳиба, шумо бояд ба Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират тамоми маълумоти иловагиро, ки барои баррасии ниёзи мусоҳибаи шахсӣ аз ҷониби мақомот муҳим аст, пешниҳод кунед.

# ШУМО КАДОМ ДАЛЕЛҲОРО ПЕШНИҲОД КАРДА МЕТАВОНЕД, ТО ИСБОТ КУНЕД, КИ ДАР КИШВАРИ ДИГАРИ EU+ АЪЗОИ ОИЛА ДОРЕД?

Роҳи беҳтарини пешниҳоди маълумот дар бораи аъзои оилаатон пур кардани «**Шакли ҷустуҷӯи аъзои оила**» мебошад.

Илова бар ин, тамоми ҳуҷҷатҳои расмии аз ҷониби давлат додашударо, ки метавонанд муносибати хешовандии шуморо исбот кунанд, пешниҳод кунед. Шумо инчунин метавонед намудҳои дигари далелҳоро пешниҳод кунед, ба монанди исботи он ки шумо бо аъзои оилаатон алоқаро нигоҳ доштаед, масалан, аксҳо, паёмҳои электронӣ ё паёмҳои матнӣ.



Агар шумо далели муносибати хешовандӣ надошта бошед, мақомот метавонанд аз шумо талаб кунанд, ки барои исботи хешовандӣ аз санҷиши ДНК гузаред.

Шумо метавонед бо аъзои оилаатон танҳо дар сурате якҷоя шавед, ки агар ҳардуи шумо изҳороти хаттӣ пешниҳод кунед, ки дар он хоҳиши якҷояшавии худро баён кардаед. Агар имконпазир бошад, кӯшиш кунед, ки ин ҳуҷҷатро бо забони англисӣ пешниҳод кунед.

Тайёр кардани ин маълумотро ҳарчи зудтар оғоз кунед.



Агар шумо ягон саволи иловагӣ дошта бошед ё дар бораи раванди якҷояшавии оила ба маслиҳат ниёз доред, шумо метавонед аз мушовири ҳуқуқӣ кӯмак гиред.

Агар шумо дар кишвари дигари EU+ аъзои оила дошта бошед, аммо алоқаро бо онҳо гум карда бошед, созмонҳое мавҷуданд, ки метавонанд ба шумо дар ёфтани онҳо кӯмак кунанд.

Шумо метавонед бо ин созмонҳо бо истифода аз маълумоти дар зер пешниҳодшуда тамос гиред.

**Салиби Сурхи Латвия |www.redcross.lv**

## ОН ЧӢ ҚАДАР ВАҚТ МЕГИРАД?



Муошират байни кишварҳо одатан аз **1.5** то **3 моҳро** ташкил медиҳад, аммо вобаста ба парвандаи мушаххас, он **метавонад вақти бештар гирад**.



Агар кишвари дигари EU+ тасдиқ кунад, ки дархости шуморо баррасӣ хоҳад кард, шумо **дар давоми 6 моҳ** аз санаи қабули дархости интиқоли худ интиқол дода мешавед.




Агар дархост бо сабаби он ки шумо дар кишвари дигари EU+ аъзои оила доред, пешниҳод шуда бошад, интиқол **ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа баррасӣ хоҳад шуд**.



Агар шумо ҳоло **дар боздошт бошед ё дар оянда боздошт шавед**, парвандаи шумо **ба таври фаврӣ баррасӣ мешавад**. Интиқоли шумо бояд дар давоми **5 ҳафта** ташкил карда шавад. Агар интиқол дар давоми 5 ҳафта амалӣ карда нашавад, шумо аз боздошт озод карда мешавед. Аммо, интиқоли шумо ҳоло ҳам **дар давоми 6 моҳ** аз санае, ки кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо дархостро қабул кардааст, ташкил карда мешавад.

Агар шумо барои содир кардани ҷиноят дар маҳбас бошед, мӯҳлати интиқол метавонад **то ҳадди аксар 1 сол дароз карда шавад**.




**МУҲИМ!** Агар шумо фирор кунед, пинҳон шавед ё бо мақомот дар ташкили интиқоли худ ҳамкорӣ накунед, **мӯҳлати интиқол метавонад то ҳадди аксар 3 сол дароз карда шавад**.

## АГАР ШУМО АЛЛАКАЙ ДАР КИШВАРИ ДИГАРИ EU+ БАРОИ ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАРХОСТ СУПОРИДА БОШЕД?

Шумо метавонед танҳо дар як кишвари EU+ барои ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод кунед. Агар шумо аллакай дар кишвари дигари EU+ барои ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод карда бошед, шумо ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо баргардонида мешавед.

Агар маълумоте мавҷуд бошад, ки кишвари дигари EU+ барои баррасии дархости шумо масъул аст, ба он кишвар огоҳинома фиристода мешавад. Агар он кишвари EU+ тасдиқ кунад, ки дархости шуморо баррасӣ хоҳад кард, ба шумо **қарори интиқол** фиристода мешавад, ки дар он нишон дода мешавад, ки шумо ба кадом кишвари EU+ интиқол дода мешавед.

Агар ин аввалин бор набошад, ки шумо барои ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод мекунед ё аллакай қарор қабул шуда бошад, ки кишвари дигари EU+ барои баррасии дархости шумо масъул аст, мақомот метавонанд бо шумо мусоҳибаи шахсӣ нагузаронанд.

Аммо шумо имконият хоҳед дошт, ки шарҳ диҳед, ки чаро шумо набояд ба он кишвар интиқол дода шавед ё чаро ба шумо бояд иҷозати дар ин кишвар мондан дода шавад.

Дар зер шумо метавонед маълумотро дар бораи чӣ гуна пешниҳод кардани ин маълумот пайдо кунед:
- шумо бояд ба Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират шарҳи хаттии сабабҳоеро пешниҳод кунед, ки чаро шумо набояд ба кишвари дигари EU+ интиқол дода шавед ва чаро ба шумо бояд иҷозати дар ин кишвар мондан дода шавад.

## ПАС АЗ ҚАБУЛИ ҚАРОР ЧӢ МЕШАВАД?

Агар шумо дар бораи интиқоли худ ба кишвари дигари EU+ қарор гиред, баъзе ҳуқуқҳои шумо бекор карда мешаванд, масалан:

- шумо **бисёр хидматҳо ва намудҳои кӯмакро нахоҳед гирифт;**
- ба шумо **иҷозати кор кардан** ё **иштирок кардан дар курсҳо дода намешавад**.





Интиқол бояд дар давоми 6 моҳ аз санае, ки кишвари EU+ тасдиқ ё розигӣ додааст, ки дархости шуморо баррасӣ кунад, сурат гирад.

Агар шумо боздошт шуда бошед, парвандаи шумо ба таври фаврӣ баррасӣ хоҳад шуд. Интиқоли шумо бояд дар давоми 5 ҳафта ташкил карда шавад. Агар интиқол дар давоми 5 ҳафта амалӣ карда нашавад, шумо аз боздошт озод карда мешавед.

Интиқоли шумо дар давоми 6 моҳ аз санае, ки кишвари EU+ тасдиқ ё розигӣ додааст, ки дархости шуморо баррасӣ кунад, ташкил карда мешавад.

Агар шумо барои содир кардани ҷиноят дар маҳбас бошед, мӯҳлати интиқол метавонад то ҳадди аксар 1 сол дароз карда шавад.

**МУҲИМ!** Агар шумо фирор кунед ё бо мақомот ҳамкорӣ накунед, **мӯҳлати интиқол метавонад то ҳадди аксар 3 сол дароз карда шавад**.

# ЧӢ МЕШАВАД, АГАР ШУМО БА ҚАРОРИ ИНТИҚОЛ РОЗӢ НАБОШЕД?



Агар қарор қабул шавад, ки кишвари дигари EU+ барои баррасии дархости шумо масъул аст, шумо **қарори интиқолро** мегиред. Ин қарор шуморо дар бораи кишваре, ки ба он интиқол дода мешавед, огоҳ мекунад.

Агар шумо ба қарори интиқол розӣ набошед, шумо метавонед далелҳои худро ба суд пешниҳод кунед. Ин пешниҳоди шикоят (аппелятсия) номида мешавад. Агар шумо нисбат ба қарор шикоят баред, қарори ниҳоиро суд ё трибунал қабул мекунад.

Барои шикоят бурдан нисбат ба қарори интиқол танҳо се сабаб мавҷуд буда метавонад:

- шумо даъво мекунед, ки интиқол ба он кишвари мушаххаси EU+ ҳуқуқҳои инсонии шуморо поймол мекунад;
- маълумоти нав пайдо шудааст, ки дар вақти қабули қарори интиқол дастрас набуд ва метавонист ба он қарор таъсир расонад;
- шумо дар кишвари дигари EU+ оила доред, ки бояд бо онҳо якҷоя шавед.




Агар шумо имконияти молиявии киро кардани мушовири ҳуқуқии худро надошта бошед, ба шумо мушовир ройгон пешниҳод карда мешавад ва ӯ ба шумо барои пешниҳод кардани шикоят кӯмак хоҳад кард.

Дар давоми ин раванд ба шумо тарҷумоне, ки бо забони барои шумо фаҳмо сӯҳбат мекунад, кӯмак хоҳад кард.

# ОН ЧИ КИ ШУМО БОЯД ДАР БОРАИ ШИКОЯТ ДОНЕД, АГАР ТАЪСИРИ БОЗДОРАНДА ВА ШИКОЯТ АЗ РӮЙИ МОҲИЯТ ЯКҶОЯ ШУДА БОШАНД

Мӯҳлат, инчунин макон ва чӣ гуна пешниҳод кардани шикоят дар қарори интиқоли ба шумо додашуда шарҳ дода мешавад.

Шумо бояд сабаб(ҳо)еро нишон диҳед, ки чаро ба қарори интиқоли худ ба кишвари дигари EU+ розӣ нестед.

Шумо инчунин бояд сабаб(ҳо)еро нишон диҳед, ки чаро дар давоми баррасии шикояти шумо, шумо набояд ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости худ интиқол дода шавед.

Суд аввал қарор қабул мекунад, ки оё шумо метавонед натиҷаи шикояти худро дар давоми **1 моҳ**, то даме ки шикояти шумо дар ҳоли баррасӣ аст, дар ин кишвар интизор шавед. Ин ҳамчун шикоят бо таъсири боздоранда маълум аст.

Агар суд қарор кунад, ки шумо наметавонед натиҷаи шикояти худро дар ин кишвар интизор шавед, шумо то вақти баррасии шикоятатон ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо интиқол дода мешавед.

Агар суд қарор кунад, ки ба шумо иҷозати дар ин кишвар мондан дар давоми баррасии шикоятатон дода мешавад, суд кӯшиш мекунад, ки дар давоми як моҳ аз санаи қабул шудани қарор бо таъсири боздоранда, қарори ниҳоиро дар бораи оё интиқол дода шудани шумо ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо қабул кунад.

Агар шикояти шумо рад карда шавад, шумо ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо интиқол дода мешавед. Интиқол бояд дар давоми 6 моҳ аз санаи баровардани қарори ниҳоии суд сурат гирад.

Агар шумо ҳоло дар боздошт бошед ё дар оянда боздошт шавед, парвандаи шумо ба таври фаврӣ баррасӣ мешавад. Интиқоли шумо бояд дар давоми 5 ҳафта ташкил карда шавад. Агар интиқол дар давоми 5 ҳафта амалӣ карда нашавад, шумо аз боздошт озод карда мешавед. Ба ҳар ҳол, интиқоли шумо дар давоми 6 моҳ аз санае, ки кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо дархостро тасдиқ кардааст, ташкил карда мешавад.

**МУҲИМ!** Шумо бояд бо мақомот ҳамкорӣ кунед ва ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо сафар кунед.

## КАДОМ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ ҶАМЪОВАРӢ КАРДА МЕШАВАД?



Мақомот дар кишвари EU+, ки шумо дар он ҷо қарор доред, маълумоти муайянро ҷамъоварӣ мекунанд, аз ҷумла:

- Маълумоти шахсии шумо ва маълумоти шахсии аъзои оилаи шумо, ки бо шумо сафар мекунанд (ном, насаб, шаҳрвандӣ, сана ва ҷои таваллуд). Агар шумо қаблан номҳои дигар ва дигар тафсилотро истифода бурда бошед, онҳо аз шумо дар ин бора мепурсанд.
- Маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва ҳуҷҷатҳои сафари шумо.
- Ҳама гуна маълумоти дигаре, ки метавонад шахсияти шуморо тасдиқ кунад, ба монанди изи ангуштонатон.
- Маълумот дар бораи ҳар як узви оила, ки дар кишвари дигари EU+ зиндагӣ мекунад, ба монанди маълумоти шахсии онҳо, бори охирине, ки шумо бо онҳо дар тамос будед, ҷойгиршавӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо.
- Маълумоти муфассал дар бораи ҳама гуна ҳуҷҷатҳое, ки ба шумо имкони зиндагӣ дар кишвари EU+-ро додаанд, агар ба парвандаи шумо дахл дошта бошад.
- Маълумот оид ба ҳуҷҷатҳое, ки исбот мекунанд, ки шумо дар кишвари EU+ зиёда аз як сол таҳсил кардаед.
- Маълумот дар бораи он ки шумо барои расидан ба ин кишвар аз кадом кишварҳо гузаштаед.
- Шароити шахсии шумо.
- Санаҳои ҳама гуна дархостҳои қаблӣ барои ҳимояи байналмилалӣ ва натиҷаҳои он дархостҳо.

## ҲУҚУҚҲОИ ШУМО ДАР РОБИТА БА МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ ШУМО КАДОМҲОЯНД?

Шумо ҳуқуқ доред, ки ба ҳамаи маълумоти ба мақомот пешниҳодкардаи худ дастрасӣ пайдо кунед.

Агар шумо боварӣ дошта бошед, ки маълумоти шахсии шумо нодуруст аст ё ба таври қонунӣ коркард намешавад, шумо метавонед бо тамос бо назоратчии маълумот дастрасиро ба маълумоти шахсии худ талаб кунед, то ислоҳи маълумоти нодуруст ё нест кардани маълумоти ба таври ғайриқонунӣ коркардшударо хоҳиш намоед.

Шумо метавонед бо назоратчии маълумот дар ин кишвар бо истифода аз маълумоти дар поён овардашуда тамос гиред.

**Хадамоти давлатии марзбонӣ | www.rs.gov.lv**
**Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират | www.pmlp.gov.lv**

Ин брошюра танҳо барои маълумот пешбинӣ шудааст. Он худ аз худ ягон ҳуқуқ ё уҳдадорӣ ба вуҷуд намеорад. Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ (EUAA) муҳтавои асосии ин маводро таҳия кардааст ва танҳо ба кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо барои дубора чоп кардан ва тағйир додани ин брошюра иҷозат медиҳад. EUAA барои дурустӣ, муҳтаво, пуррагӣ, қонуният ё эътимоднокии маълумоти дар ин брошюра овардашуда, ки аз ҷониби кишварҳои узви ИА ё дигар шахсони сеюми масъул пешниҳод шудаанд, масъулиятро ба дӯш намегирад. На EUAA ва на ягон шахси дигаре, ки аз номи EUAA амал мекунад, барои истифодаи эҳтимолии маълумоти дар ин нашрия мавҷудбуда масъул нест.

© Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ, 2025